**5.6.4.[07.00.07] МАРДУМШИНОСӢ, ҚАВМШИНОСӢ ВА АНТРОПОЛОГИЯ**
**5.6.4.[07.00.07] ЭТНОЛОГИЯ, АНТРОПОЛОГИЯ И ЭТНОГРАФИЯ**
**5.6.4.[07.00.07]ETNOGRAPHY, ETHNOLOGY AND ANTHPOLOGY**

***ТДУ 394.4***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-2-35-40***

# ХУСУСИЯТҲОИ СОЗМОНДИҲӢ ВА БАРГУЗОРИИ ҶАШН ВА МАРОСИМҲОИ НАВИ ШӮРАВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

***Исамитдинов Жорабек Бобобекович**, н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ОСОБЕННОСТИ ОРГАНИЗАЦИИ И ПРОВЕДЕНИЯ НОВЫХ СОВЕТСКИХ ПРАЗДНИКОВ И ЦЕРЕМОНИЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ

***Исамитдинов Жорабек Бобобекович,** к.и.н., доцент кафедры истории таджикского народа ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# FEATURES OF ORGANIZING AND HOLDING NEW SOVIET HOLIDAYS AND CEREMONIES IN TAJIKISTAN

***Isamitdinov Zhorabek Bobobekovich**, candidate of historical sciences, associate professor of the Department of the History of the Tajik People, SEI "KSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),**E- mail:** isomatdinov1961@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** ид, маросим, ҷашнҳои нави шӯравӣ, ҷашнҳои анъанавӣ, чорабиниҳои оммавӣ,идҳои оилавӣ*

*Дар мақола таҳлили таърихию фарҳангии ташаккулёбӣ ва ҷорӣ шудани ҷашнҳои шӯравӣ дар Тоҷикистон оварда шудааст. Қайд мегардад, ки дар ҳама давру замон вобаста батағйирёбии мафкураи давр, ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ҷашнҳо ба майдони муборизаи падидаҳои нав бо анъанаҳои кӯҳна намоён мегаштанд. Баъди Инқилоби Бузурги Октябри сотсиалистии соли 1917 тағйироти куллӣ дар баргузории ҷашну маросимҳо ба амал омаданд, шаклҳои нави ҷашнҳои миллӣ ва байналхалқӣ ташаккул ёфтанд. Ҳукумати шӯравӣ сиёсати бединиро ба роҳ монда буд, ки мутобиқи он даст каштдан аз ҷашну маросимҳои динӣ низ талаб карда мешуд. Суръати дур шудан аз расму оинҳои динӣ дар байни халқиятҳои Иттиҳоди Шӯравӣ якхела набуд. Дар солҳо аввали Шӯравӣ шароитҳои нави меҳнатӣ, паҳн гаштани шаклҳои фарҳанги сотсиалистӣ, навгониҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва оилавӣ, худшиносии миллӣ, маҳдуд кардани мафкураи динӣ рух доданд. Муайян карда шудаанд, ки дар тамоми қаламрави шӯравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон идҳои солгарди Инқилоби Октябр, Якуми май, Рузи артиши шӯравӣ, Рӯзи байналхалқии занон, рӯзи қабули Конститутсия ва ғ. дар шакли тантана, чорабинии фароғатию оммавӣ ва дар доираи хонавода таҷлил мегаштанд.*

***Ключевые слова:** торжества, обряды, новые советские праздники, традиционные праздники, массовые мероприятия, семейные торжества*

*Представлен историко-культурный анализ становления советских праздников в Таджикистане. Отмечается, что во все эпохи в связи с изменениями идеологии эпохи, общественной и политической жизни праздники становились полем борьбы между новыми явлениями и старыми традициями. После Октябрьской социалистической революции 1917 произошли коренные изменения в организации торжеств и обрядов, сформировались новые формы национальных и интернациональных праздников. Советское правительство проводило атеистическую политику, согласно которой требовалось также отказаться от религиозных праздников и обрядов. Скорость отхода от религиозных обрядов у народов Советского Союза была неодинаковой. В те первые годы Советского власти происходили новые условия труда, распространение социалистической культуры, новации в общественной и семейной жизни, национальное самосознание, ограничение религиозной идеологии. Установлено, что на всей территории Советского Союза, в том числе и в Таджикистане, отмечаются следующие праздники: годовщина Октябрьской революции, Первомай, День Советской Армии, Международный женский день, день принятия Конституции и др., они отмечались торжественно, массово, с весельем, а также в семейном кругу.*

***Key words:** celebrations, rituals, new Soviet holidays, traditional holidays, public events, family celebrations*

*The article presents a historical and cultural analysis of the formation and introduction of Soviet holidays in Tajikistan. It is noted that in all eras, due to changes in the ideology of the era, social and political life, holidays have become a field of struggle between new phenomena and old traditions. After the October Socialist Revolution of 1917, fundamental changes took place in the organization of celebrations and rituals, and were formed new manners of national and international holidays. The Soviet government pursued an atheistic policy, according to which it was also required to abandon religious holidays and rituals. The rate of departure from religious rites among the peoples of the Soviet Union was not the same. In the early beginning of Soviet power formation, there were new working conditions, the spread of socialist culture, innovations in social and family life, national self-consciousness, and the restriction of religious ideology. It has been established that throughout the territory of the Soviet Union, including Tajikistan, the following holidays are celebrated: the anniversary of the October Revolution, May Day, Soviet Army Day, International Women's Day, the day of the adoption of the Constitution, etc., they were celebrated in the form of solemnity, mass entertainment and in the family circle.*

Вобаста ба вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии давр ба мавҷудияти ҷашнҳо, тарзи баргузорӣ, хусусияти маросимҳо тағйирот ворид мегарданд. Ҷашнҳо дар худ таҷрибаи бои тарихии мардум, ки дар давоми асрҳо ҷамъ шудаанд, ҳифз мекунанд. Ҷашнҳо муҳимтарин нишонаи фарҳанги анъанавиии халқ буда, муаррифгари хусусиятҳои иҷтимоии аҳди бостон ва давраи начандон дур ба шумор мераванд. Инчунин ба ҷашнҳо серҳаракатӣ, мабдаи фаъоли эҷодӣ, алоқамандӣ бо мафкураи давр хос аст.

Ҷашнҳои ҷамъиятӣ, ки бо фаъолияти меҳнатии одамон, бо зиндагии оилавӣ ва шахсӣ, бо маънавиёт ва фарҳанг алоқамандӣ доранд, барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти мардум ба истироҳат, ҳосил намудани таасуроти ҳиссӣ , алоқаи байниҳамдигарии одамон (робитаи дӯстона, оилаву хешутаборӣ, дохили иҷтимоӣ ва ғ.) ва аз ҳама асосӣ барои тарғиб ва дар тафаккур мустаҳкам намудани муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёт хидмат мекунанд.

Дар ҳама давру замон вобаста батағйирёбии мафкураи давр, ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ҷашнҳо ба майдони мубоизаи падидаҳои нав бо анъанаҳои кӯҳна намоён мегаштанд. Давраи нави таърихӣ одатан ҷашнҳо худро ба миён меорад ва ин падида нисбат ба тағйирот дар ҷамъият ба таври қатъӣ сурат мегирад.

Тағйироти куллӣ дар баргузории ҷашну маросимҳо баъди Инқилоби Сотсиалистии Октябри соли 1917 ба вуқӯъ пайвастанд. Дар даврони шӯравӣ асосҳои мафкуравии ҷашнҳои иҷтимоӣ куллан дигаргун гаштанд, ҳам сохтор ва ҳам хусусиятҳои маишии ҷашнҳо тағйир ёфтанд. Дар ин раванд нақши шаҳрҳо боло рафтанд, зеро маҳз дар шаҳрҳо шаклҳои нави ҷашнҳои миллӣ ва байналхалқӣ ташаккул ёфтанд [1,с.31]. Ин раванд дар шароити аз давлат ҷудо кардани дин амалӣ мегашт. Ҳукумати шӯравӣ сиёсати бединиро ба роҳ монда буд, ки мутобиқи он даст кашидан аз расму оинаҳои динӣ низ талаб карда мешуд. Суръати дур шудан аз расму оинҳои динӣ дар байни халқиятҳои Иттиҳоди шӯравӣ якхела набуд. Масалан, дар Федератсияи Россия ҳанӯз декабри соли 1917 декрет «Дар бораи никоҳи гражданӣ, кӯдакон ва ҷорӣ намудани китоби сабти асноди шаҳрвандӣ» ва моҳи январи соли 1918 «Дар бораи ҷудошавии калисо аз давлат ва мактаб» қабул мегарданд, ки ин санадҳои ҳуқуқӣ барои воқеъан ба ҳаёт тадбиқ намудани муносибатҳои оилавӣ- никоҳӣ мусоидат намуданд. Ҷорӣ шудани сабти асноди шаҳрвандӣ барои ба миён омадани маросимҳои нави ҷашнҳои оилавӣ «октябринҳо», «тӯйҳои сурх», «дафни сурх» сабаб гардид.

Дар минтақаҳое, ки мардум ба дини ислом эътиқод доштанд (аз ҷумла дар Тоҷикистон) вазъ дигар буд. Дар ин минтақаҳо шикастани қолабҳои анъанавии динӣ осон набуд. Яку якбора аз расму оинҳо даст кашидан амри маҳол буд. Барои ҳамин ташаккулёбии ҷашну маросимҳои нави шуравӣ марҳила ба марҳила амалӣ гаштанд. Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки яке аз сабабҳои бо зудӣ ҷорӣ нашудани ҷашну маросимҳои нав дар Осиёи Миёна ин рушди капитализмро аз сар нагузаронида, ба роҳи сотсиализм қадам ниҳодани кишвар буд [10,с.17]. Зеро дар натиҷаи муносибатҳои иҷтимоии капиталистӣ, ворид шудан ба истеҳсолоти саноатӣ рӯзгору тафаккури одамонро аз анъанаҳои феодалӣ ва падарсолории авлодӣ то андозае озод мекард. Аз ҳама муҳим, синфи пролетариат ташаккул меёфт, ки ин синф ҷонибдори навгониҳо дар ҳаёти маишии ҷамъиятиву оилавӣ ба шумор мерафт. Набудани ҳамин марҳилаи тайёрӣ ба дараҷа ва суръати тағйирёбии тарзи зист, фарҳанги халқҳои Осиёи Миёна баъди барпошавии Ҳокимияти шӯравӣ то андозае таъсир расонид.

Вале худи воқеаи барпо гаштани тартиботи нави шӯравӣ ва таҳаввулоти иҷтимоиву иқтисодии солҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ, аз қабилиислоҳот замину об, тақсимоти

милливу ҳудудӣ дар Осиёи Миёна, инқилоби маданӣ, ҷалби занон ба корҳои ҷамъиятӣ ва амсоли онҳо тадриҷан психологияи мардумро тағйир доданд. Бар тарзи ҳаёти мардум ифтитоҳи мактабҳои нави шӯравӣ, мактабҳои маҳви бесаводӣ, китобхонаҳои оммавӣ, кинотеатрҳо, клубҳо, «чойхонаҳои сурх», артелҳо барои занон, амбулаторияҳо, беморхонаҳо ва ғ. таъсири амиқ расониданд. Чунин чорабиниҳои оммавӣ, аз қабили, ҷашнҳои ҷамъиятию сиёсӣ, намоишу гирдиҳамоиҳо, лексияҳо, ҳаракатҳои оммавии «Ҳуҷум»(ба муқобили фаранҷӣ) баргузор мегаштанд. Масалан, ҳаракати оммавии «Ҳуҷум» дар округи Хуҷанд соли 1927 оғоз гашта, қариб ду даҳсола фаъолият бурд. Яъне, комиссия махсус аз ҳисоби мақомоти ҳизбиву шӯравӣ таъсис ёфта, корҳои муҳими тарғиботиву ташвиқотиро анҷом дод [12,с.413]. Дар ҷараёни ҳаракати «Ҳуҷум» шаклҳои зерини чорабиниҳои оммавию фарҳангӣ: ҷамъомадҳо, конференсияҳои занон, шабнишиниҳои оилавӣ, васеъ кардани шабакаи клубҳо, гӯшаҳои сурх дар асоси такя ба қувваи комсомолону ҷавонон ва иттифоқҳои касаба гузаронда мешуданд [12,с.415]. Яке аз чорабиниҳои оммавӣ – сайри умумихалқӣ дар Хуҷанд, дар соҳили Сирдарё санаи 8 марти соли 1927 –Рӯзи байналхалқии занон ва Иди наврӯз (Иди сари сол) гузаронида шуда буд. Бахшида ба ҳаракати «Ҳуҷум» намоиш (митинг) ташкил гардид ва баромадкунандагон бар зидди фаранҷӣ “ҷанги кушод” эълон мекунанд. Дар ин рӯз аз рӯи маълумоти собиқадори соҳаи маорифи Тоҷикистон Ҳоҷихон Умаров ҳамсарони муаллимони шӯравӣ Х. Ишонов, К. Хоҷаев, А Сатторов, Т. Ҳасанов, Б. Маъсумов, Ю.Юнусов, С. Тошматов ва дигарон аввалин шуда фаранҷиро партофтанд [6]. Танҳо санаи 8 март соли 1928 дар Хуҷанд 5966 нафар занону духтарон аз фаранҷӣ озод гашта буданд. Умуман дар давоми солҳои 1927-1928 дар округи Хуҷанд 15000 занону духтарон аз фаранҷӣ озод гаштанд [12,с.417]. Амалӣ намудани маъракаи «Ҳуҷум» кори осон набуд, ин ҳаракат ба душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ гашт. Руҳониён, боён ва умуман душманони сохти нави сотсиалистӣ ба муқобили ин чорабинии ҳизбӣ баромаданд, ҳамаҷониба зиддият нишон доданд. Аз ҷониби ташкилоти ҳизбӣ ва шӯравӣ низ ба хатоиҳои ҷиддӣ роҳ дода мешуд. Баъди андешида шудани тадбирҳо ин камбудиҳо бартараф гаштанд.

Дар он солҳо шароитҳои нави меҳнатӣ, паҳн гаштани шаклҳои фарҳанги сотсиалистӣ, навгониҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва оилавӣ, худшиносии миллӣ, маҳдуд кардани мафкураи динӣ рух доданд. Дар баъзе маҳалҳо анъанаҳои халқиро бо шаклу усули нав мавриди истифода қарор медоданд. Масалан, тоҷикон аз қадим ҳангоми хонапӯшӣ, киштукору ғунучини ҳосили кишоварзӣ аз «ҳашар» истифода мебурданд. Ин усули мардумиро солҳои 20-уми асри ХХ ҳангоми сохтмони мактабҳо ва муассисаҳои маданию равшаннамоӣ истифода бурданд. Чунончӣ, чӣ тавре, кӣ дар рӯзномаи «Овози тоҷик» хабар дода мешавад, дар деҳаи Фароби вилояти Панҷакент соли 1923 сохтмони мактаби нави шӯравӣ ба роҳ монда мешавад, Барои сохтмони бино шӯъбаи маорифи Панҷакент 1500 сӯм маблағ ҷудо намуд. Аҳолии деҳа бошад сохтмони бинои мактабро бо роҳи ҳашар анҷом доданд [6]. Дар шаҳри Хуҷанд бошад соли 1923 худи халқ барои сохтмони бинои мактаб 1400 сӯм маблағ ҷамъ намуд ва бо роҳи ҳашар сохтмони мактабро ба анҷом расонд [14,с.53].

Умуман ҷашнҳои нави шӯравӣ, ки дар байни халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла байни тоҷикон паҳн мегаштанд, ба ду гурӯҳи калон тақсим карда мешаванд: 1) ҷашнҳои ҷамъиятӣ ва 2) ҷашнҳои оилавӣ ва хусусияти шахсидошта. Инчунин шохаҳои ин ҷашнҳо: а) ҷашнҳои инқилобӣ, ҳарбиву ватанпарастӣ, меҳнатӣ, расму оинҳои маишии коммунистӣ; б) ҷашнҳои ба анъанаи фарҳанги миллӣ вобаста буданд. Аксарияти ҷашнҳо дар заминаи ҷашнҳои анъанавӣ ташаккул меёбанд [8,с.16].

А.И. Залесский ва В.М. Иванов чор роҳи ташаккули ҷашнҳои нав халқҳои ИҶШС-ро нишон медиҳанд, ки тибқи он: 1) беҳтарин расму одати анъанавии ҷашнҳои миллии даврони гузашта ба таркиби ҷашнҳои нави ворид карда мешаванд; 2) ҳам шакл ва ҳам мазмуни ҷашну маросимҳои даврони пешин тағйир дода мешаванд; 3) эҳёи падидаҳои мусбати давраи аввалии барпошавии ҳокимияти шӯравӣ роҳандозӣ мегарданд; 4) расму оин, маросимҳои тамоман нави ҷамъиятӣ ва оилавӣ, ки дар гузашта ва ҳатто дар давраи тоҷангӣ вуҷуд надоштанд, ҷорӣ карда мешаванд [3,с.4-5].

Ҷашнҳои нави ичтимоии даврони шӯравӣ аз қисматҳои зайл иборат буданд: якум, қисмати пуршукӯҳи идона, ки бевосита ба ҳаёти ҷамъиятӣ тааллуқ дошта ва дуюм, қисмати хонаводагиву маишиии ба ҳаёти рӯзгори оилавӣ тааллуқ дошта [4,с.124].

Қисмати пуршукӯҳ ва дабдабанок асосҳои мафкуравии ҷашнҳои ҷамъиятиро ташкил дода, барои тақвият ва густариши он хидмат мекунад. Одатан майдони баргузории ин қисмати ҷашн ҷойҳои ҷамъиятӣ (қасрҳои фарҳанг, клубҳо, театрҳо, боғҳо, варзишгоҳҳо ва ғ.) ба шумор мерафтанд. Ин қабил ҷашнҳои шӯравӣ дар намуди маҷлисҳои тантанавӣ, намоишҳо (гирдиҳамоиҳо, парадҳо) гузаронида мешуданд. Қисмати оммавию фароғатии ҷашн аз намоиши идона ва тамошоҳои хурсандиовар иборат буданд. Ин намуди чорабиниҳо низ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ гузаронида мешаванд.

Дар давоми мавҷудияти давлати шӯравӣ(ИҶШС) тақвими ҷашнҳо пайваста тағйир меёфтанд. Дар тамоми қаламрави мамлакат идҳои зерин: солгарди Инқилоби Октябр, Якуми май, Рузи артиши шӯравӣ, Рӯзи байналхалқии занон, Рӯзи қабули Конститутсия ва ғ. дар намуди тантана, оммавию фароғатӣ ва дар доираи хонавода таҷлил мегаштанд. Аз рӯзҳои аввали ғалабаи Инқилоб ташкили тантанаҳо дар ин ҷашн асосӣ ҳисобида мешуд. Инсенировкаҳо, сайрҳои театрикунонидашуда, саҳначаҳои бахшида ба намоиши дастовардҳои сиёсиву хоҷагӣ, гулчанбаргузорӣ ба мавзеъҳои таърихӣ ва дигар намудҳои чорабиниҳо ташкил карда мешуданд. Дар солҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ чорабиниҳои тантанавӣ ва фароғатӣ якҷоя ташкил карда мешуданд.Намоишҳои бадеӣ бо иштироки санъаткорони касбӣ, намояндагони худфаъолияти бадеии клубҳо ҷалб карда мешуданд, шабнишиниҳо, консертҳои идона ва сайругашти оммавӣ ташкил карда мешуданд. Дар чунин чорабиниҳои ҷомеаҳои меҳнатӣ, аҳли зиё иштирок мекарданд, меҳмонон низ таклиф карда мешуданд. Баъзе муассисаҳо, корхонаҳои истеҳсолӣ ба дигар шаҳру вилоятҳо, ба табиати зебои беруназшаҳрӣ экскурсияҳо низ ташкил менамуданд. Чунин чорабиниҳоро асосан иттифоқҳои касабаи корхонаву муассисаҳо ташкил мекарданд.

Таҳлили ин ҷашнҳои нави ҷамъиятӣ нишон медиҳанд, ки аксари онҳо хусусияти байналхалқӣ доранд, барои ҳамаи меҳнаткашони мамлакати шӯравӣ уммуӣ ҳисобида мешуданд (ҷашнҳои -1 Май, 8- Март, 7- ноябр ва ғ.) Ин ҷашнҳо дар дохили мамлакат инчунин хусусияти интернатсионалӣ доштанд, дар онҳо падидаҳои умумихалқӣ мушоҳида мегарданд, онҳо ба мустаҳкамӣ ва ягонагии шахсу ҷамъият равона карда шудаанд [7,с.276, 278]. Дар солҳои 20-уми асри XX мубориза барои ҷорӣ кардани ҷашнҳои нав як нав ҷузъи муборизаи синфӣ маҳсуб меёфт. Хусусан дар қаламрави ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон ва Узбекистон таърихи таҷлили 8 март-ҷашни байналхалқии занон ба сифати намунаи муборизаи занон барои озодӣ ва баробарии иҷтимоӣ намудор гардид. Амалӣ гаштани ҳаракати «Ҳуҷум» барои бедории сиёсиву худшиносии занону духтарон гардид.

Дар солҳои аввали Ҳукумати шӯрави ҷашнҳои пешқадами халқӣ, аз қабили Наврӯз, Сайри гули сурх, Сайри гули лола, Сайри харбуза, Сайри ангур, Ид ҳосилот ва ғ. ба тағйироти ҷузъӣ гузаронида мешуданд.

Дар солҳои авали Ҳокимияти шӯрави ҷашнҳои давлатӣ дар доираи хонавода ҷашн гирифта намешуданд. Аммо бо гузашти вақт ба сифати ҷашнҳои анъанавии мардумӣ дар доираи оила низ таҷлил намудани баъзе қисматҳои ҷашнҳои давлатӣ ба ҳукми анъана даромад. Аҳолӣ бо фаророасии ҷашнӣ ба тозаву озода намудани хона, ҳавливу дар эътибор медоданд, таоми ҷашни омода менамуданд, меҳмонҳоро пазироӣ менамуданд. Гарчанде ин чорабиниҳои ба таомули ҷашнҳои анъанавии қадима монанд буданд, аммо то андозае фарқ низ доштанд. Масалан, дар ҷашнҳои тақвимии анъанавӣ таомҳои урфӣ (чунончӣ дар Навруз –сумалак ва диг. таомҳо) омода мегаштанд. Дар ҷашнҳои давлатӣ бошад ин таомул риоя намегашт. Таомҳои оддии халқӣ ва интернатсионалӣ пухта мешуданд. Дар арафа ва рӯзҳои ҷашнҳои давлатӣ ҳамсолон (ҳамсинфон, ҳамкурсон) ё гурӯҳҳои алоҳидаи коллективи корхонаву муассисаҳо, ҳаммаҳаллаҳо ва дигарон зиёфатҳо меоростанд, «ҳарифона» , «гап», «гаштак»- ҳо ташкил мекарданд.

Дар рӯзҳои ид таваҷҷӯҳ ба қишри алоҳидаи ҷомеа бештар мегардид. Дар даврони шӯравӣ русуми дар рӯзи 8 март табрик намудани бонувон ва дар Рӯзи Артиши шӯравӣ табрик намудани мардҳо ҷорӣ мегардад. Ҳангоми фарорасии соли нави масеҳи (1 январ) як навъ ҷамъбаст намудани фаъолияти меҳнатии сол ва тарҳрезии нақшаҳо барои соли нав ба ҳукми анъана даромада буд. Яъне соли нав аҳамияти иҷтимоию сиёсӣ касб намуда, ба гурӯҳи ҷашнҳои давлатӣ ворид карда мешавад.

Дар истироҳати хонаводагӣ бо ворид гаштани техникаву технологияҳо (радио, телевизон) барпо намудани ҷашнҳо дар доираи оила ҳусни дигар касб намуд. Талаботи эстетикии мардум бо ҳамин роҳ қонеъ карда мешуданд.

Дар мавриди таҳаввулоти ҷашнҳои оилавӣ этнографии рус Г.П. Снесарев таъкид мекунад, ки «Гарчанде дар муносибатҳои оилавӣ, аз ҷумла вазъи занон тағйиротҳои куллӣ ба амал омаданд, оила ҳанӯз ҳамчун олами сарбаста боқӣ мемонад, дар он нисбат ба ҷомеаҳои истеҳсолӣ пешравӣ кам мушоҳида мегардад. Анъанаҳои падарсолорӣ(патриархалӣ), ки барои оилаҳои Осиёи Миёна хос мебошанд, хеле суст аз байн меравад. Дар оила эътибори калонсолон ва таъсири онҳо ба насли наврас ҳанӯз баланд буда, ин омил барои ҳифзи анъанаҳои миллӣ нақши муҳим мебозад» [9,с.19].

Дар даврони шӯравӣ гурӯҳи калони тантанаҳои ҷамъиятиро ҷашнҳои касбӣ (меҳнатӣ, истеҳсолӣ) ташкил медоданд. Аксарияти чунин ҷашнҳо дар шаҳрҳо баргузор мегаштанд. Мавзӯи ҷашнҳои истеҳсолӣ гуногун буданд. Бархе аз онҳо вобаста ба касбҳои алоҳида – Рӯзи муаллимон, Рӯзи бинокорон, Рӯзи металлургҳо, Рӯзи коркунони роҳи оҳан, Рӯзи табибон, Ҷашни чӯпонон, Рӯзи собиқадорони колхоз, Рӯзи механизаторон ва ғ. баргузор мегаштанд ва хусусияти умумиттифоқӣ доштанд. Чунин ҷашнҳо аксар вақт дар рӯзҳои истироҳат ташкил карда мешуданд ё дар якҷоягӣ бо ҷашнҳои давлатӣ гузаронида мешуданд. Бархе аз ҷашнҳо нововбаста аз соҳаи фаъолият, бахшида ба натиҷаи меҳнат, ҷамъбасти мусобиқаҳои сотсиалистӣ дар ин ё он давраи мувофиқ баргузор мегаштанд. Ин қабил чорабиниҳои шодӣ «Шабнишинӣ ба шарафи меҳнат», «Шабнишинии пешқадамони истеҳсолот ва бригадаҳои меҳнати сотсиалистӣ» ва ғ унвон доштанд [2,с.9].

Якчанд ҷашни истеҳсолӣ ба вуҷуд омаданд, ки онҳо барои таҷлили муҳимтарин воқеаҳои ба ҳаёти меҳнатии афрод вобаста ташкил мегаштанд: ба қатори синфи коргар қабул гаштан, гуселонидан ба нафақа, маоши нахустинро гирифтан ва ғ. аз қабили чунин ҷашнҳо буданд.

Дар миқёси Иттиҳоди шӯравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон дар замони шӯравӣ баъзе ҷашнҳои хусусияти тақвимиву мавсимидошта баргузор мегаштанд. Яке аз чунин ҷашнҳо «Иди ҳосилот» маҳсуб меёфт. Ин ҷашн солҳои 30-уми асри XX ҷорӣ мегардад. Гуфтан ҷоиз аст, ки ҷашни мазкур ба ҷои ҷашни анъанавии тоҷикон- Меҳргон ҷорӣ гашта буд. Ҷашни ҳосилот хусусиятҳои қадимаи ҷашнро ба худ касб намудааст. Ин ҷашн асосан дар маҳалҳои деҳот ва шаҳру шаҳракҳо- марказҳои ноҳияҳои аграрӣ баргузор мегаштанд. Дар раванди ин ҷашн слёти деҳқонон (колхозчиён), намоиши дастовархои хоҷагии қишлоқ, ҷамъомади пешқадамони истеҳсолот, конференсияҳо, шабнишиниҳо, сайру гаштҳо ташкил карда мешуданд.

Ҷашнҳои нави ба истеҳсолот ва фаъолияти меҳнатӣ бахшидашуда дар асоси сиёсати атеистии ҳукумати шӯравӣ, роҳандози намудани фарҳанги нави шаҳришавӣ(урбанизатсия), мустаҳкам намудани тарзи ҳаёти сотсиалистӣ ташкил карда мешуданд[13,с.37-41]. Ҷашнҳо дар заминаи воқеияти даврони Шӯравӣ ташакул меёфтанд. Вале мушоҳидаҳои олимон нишон медиҳанд,ки мардум дар шароити нав ба ҳифз намудану ба таври стихиявӣ давомёбии анъанаҳо эътибор медоданд. Ба ҷойи ҷашнҳои анъанавӣ ҷашнҳои нави ба сиёсату идеологияи вақт мувофиқро ҷорӣ менамуданд. Баргузор намудани иди ҳосил, иди пахта, иди шудгор ва ғ. ба ин мисол шуда метавонад. Чунин ҷашнҳо бо ташкил намудани маҷлисҳои тантанавӣ, супоридани мукофотҳо, баргузории сайругашт, консерти гурӯҳҳои худфаъолияти бадеӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ гузаронида мешуданд.

Ҳамин тавр, дар замони шӯравӣ кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки бо ҷорӣ намудани ҷашнҳои нави ҷамъиятӣ ба анъанаҳои ҷашнии замони гузашта (ба ҷашнҳои милливу динӣ) зарба зада шавад. Ташаккулёбии ҷашнҳои нав бо роҳҳои мухталиф амалӣ мегаштанд. Кӯшиш ба харҷ дода мешуд, ки хусусиятҳои интернатсионалии ҷашнҳо бартарият дошта бошанд. Дар баъзе маврид падидаҳои ҷашнҳои кӯҳна низ нигоҳ дошта мешуданд. Ҷашнҳои нав на танҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ, балки ба ҳаёти оилавӣ низ ворид гаштанд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Бромлей, Ю. В. Новая обрядность — важнейший компонент советского образа жизни/ Ю. В. Бромлей//Социалистическая обрядность и формирование нового человека. Киев: Политиздат Украины, 1979. –С.29-41.
2. Будина, О.Р. Общественные праздники в современном быту русского городского населения /О.Р.Будина, М.Н.Шмелёва// Советская этнография.-1979.-№ 6.-С.3-17.
3. Залесский, А.И. Роль и значение новых семейных обычаев и обрядов в коммунистическом воспитании трудящихся/А.И.Залесский, В.М.Иванов//Народна, творчість та етнографія. –1963. - № 3. –С. 4-5.
4. Лобачева, Н. П. Формирование новой обрядности узбеков/Н.П.Лобачева.- М ., 1975.-140 с.

5. Лобачева, Н.П. О формировании новой обрядности у народов СССР (опыт этнографического обобщения)/Н.П.Лобачева//Советская этнография.- 1973. - № 4. –С. 14-24.
6. Овози тоҷик.- 10 октябри соли 1923. -№ 267.
7. Сарсенбаев,Н.С. Обычаи и традиции в развитии/Н.С.Сарсенбаев.-Алма-Ата, 1965. –324 с.
8. Сидоров, Д.И. За новые обряды, обычаи, традиции (В помощь лектору)/Д.И.Сидорова.-М., 1964. –39 с.
9. Снесарев, Г. П. Реликты домусульманских верований и обрядов у узбеков Хорезма/Г.П.Снегарева. -М.: Наука, 1969.-336 с.
10. Тульцева,Л.А. О некоторых социально-этнических аспектах развития обрядово-праздничной культуры в Узбекистане/Л.А.Тульцева//Советская этнография -1984. №5.–С.15-24.
11. Умаров, Х. Чанд сухан аз таърихи озодии занон/Х.Умаров// Ҳақиқати Ленинобод. -6 марти соли 1960.-№48.
12. Хайдаров, Г.Х. Очерки истории социалистического строительства в Северном Таджикистане (1917-1937 гг.)/Г.Х.Хайдаров. –Душанбе, 1974. –460 с.
13. Чистов, К. В. Традиционные и «вторичные» формы культуры /К.В.Чистов// Расы и народы. Современные этнические и расовые проблемы: Ежегодник.-М.,1975.-Т. 5. - С. 32-41.
14. Шукуров, М. Р. История культурной жизни Советского Таджикистана (1917-1941 гг.)./М.Р.Шукуров.- Душанбе:Ирфон, ч.1.-1970.-494с.

## REFERENCES:

1. Bromley Y. V. New ritualism is the most important component of the Soviet way of life // Socialist ritualism and the formation of a new person. Kyiv: Politizdat of Ukraine, 1979. -p.29-41.
2. Budina O.R., Shmeleva M.N. Public holidays in the modern life of the Russian urban population // Soviet ethnography. - 1979. - No. 6. - P. 3-17.
3. Zalessky A.I., Ivanov V.M. The role and significance of new family customs and rituals in the communist education of workers // People, creativity and ethnography. - 1963. - No. 3. -p.4-5.
4. Lobacheva N. P. Formation of a new ritual of Uzbeks. M ., 1975.-140 p.
5. Lobacheva N.P. On the formation of a new ritual among the peoples of the USSR (the experience of ethnographic generalization)//Soviet ethnography. - 1973. - No. 4. -P.14-24.
6. Tajik voice.- October 10, 1923. - No. 267.
7. Sarsenbaev N.S. Customs and traditions in development. - Alma-Ata, 1965. -324 p.
8. Sidorov D.I. For new customs, traditions (a help for the lecturer).-M., 1964. -39 p.
9. Snesarev, G. P. Before muslim believes relicts and rituals of Kharezm uzbeks. -M.: Nauka, 1969.-336 p.
10. Tultseva L.A. On some socio-ethnic aspects of the development of religious and festive culture in Uzbekistan //Soviet Ethnography -1984.-№5.–P.15-24.
11. Umarov Kh. A few words from the history of women's freedom// The truth of Leninabad. - March 6, 1960. - No. 48
12. Khaidarov G.Kh. Essays on the history of socialist construction in northern Tajikistan (1917-1937). -Dushanbe, 1974. -460 p.
13. Chistov K.V. Traditional and "secondary" forms of culture // // Races and peoples. Contemporary Ethnic and Racial Issues: Yearbook. - M., 1975. - T. 5. - P. 32-41.
14. Shukurov M.R. History of the cultural life of Soviet Tajikistan (1917-1941). Part 1. - Dushanbe: Irfon, 1970. - 494 p.